Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 89 (4672) | ЧОРШАНБЕ, 5 ИЮЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД



**Панҷуми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ба вилояти Суғд ташриф оварданд.**

Сафари кории Сарвари давлат аз ноҳияи Айнӣ оғоз гардид. Нахуст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзеи Дуобаи шарқии ноҳияи Айнӣ ба фаъолияти Корхонаи истихроҷ ва истеҳсоли маъдани Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» оғоз бахшиданд.

Маросими ба кор андохтани корхонаи мазкур ба таври маҷозӣ сурат гирифт. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Урметан» - и ноҳияи Айнӣ тугмаи рамзиро пахш карда, корхонаи мазкурро ифтитоҳ намуданд ва тавассути монитор бо раванди истеҳсолот шинос шуданд.

Корхона дар доираи нақшаи чорабиниҳои ободонию созандагӣ бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади амалӣ намудани ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар бунёд шудааст.

Масоҳати умумии Корхонаи истихроҷ ва истеҳсоли маъдани Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» 1200 гектарро ташкил дода, истихроҷи маъдан дар корхона аз ду кон – «Кумарғи боло» ва «Дуобаи шарқӣ» сурат мегирад.

Кони «Кумарғи боло» қариб 4 ҳазор метр ва «Дуобаи шарқӣ» дар баландии 2300 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад.

Барои истихроҷ ва коркарди маъдан раванди мукаммали гидрометаллургӣ ҷорӣ буда, технологияи муосири рехтагарии автоматикӣ, ки истеҳсоли ширкатҳои бонуфузи Аврупо мебошад, васлу насб карда шудааст. Раванди истихроҷ ва коркарди маъдан дар корхона бо камераҳои мушоҳидавӣ пурра назорат карда мешавад.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иқтидори корхонаи нав дар як сол ба коркарди 900 ҳазор тонна маъдан баробар мебошад. Раванди истеҳсоли маъдан дар 4 марҳила - истихроҷ, майдакунӣ, обшукунӣ ва ҷудокунӣ сурат мегирад. Намуди истихроҷи ашёи хом дар кони «Кумарғи боло» рӯизаминӣ ва дар «Дуобаи шарқӣ» зеризаминӣ мебошад. Дар кони «Дуобаи шарқӣ», ки аз 7 нақб иборат аст, бунёди роҳ, васлу насби таҷҳизоти барқӣ, хобгоҳ барои кормандон ва дигар инфрасохтори ёрирасон пурра ба анҷом расонида шуда, кандани нақб идома дорад.

Дар корхона 140 нафар, аз ҷумла 100 сокини маҳаллӣ ва 40 шаҳрванди Ҷумҳурии Мардумии Чин, бо ҷои кор ва маоши хуб таъмин мебошанд. Бо пурра фаъолият намудани корхона барои зиёда аз 500 нафар ҷойи кор таъсис меёбад. Аз рӯи нақша дар ин мавзеъ оянда коргоҳи холисгардонии тилло ва нуқра бунёд карда мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо кормандони ҶДММ «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» истифодаи самараноки канданиҳои фоиданок ва риояи талаботи истихроҷ ва коркарди маъданро талаб намуда, таъкид карданд, ки дар сурати пурра риоя нагардидани талабот расидан ба ҳадафҳои дарпешгузошта душвор мегардад.

Мавзеи Дуобаи шарқӣ дорои манзара, гулу гиёҳҳои шифобахш ва канданиҳои фоиданоки зиёд мебошад. Барои беҳдошти вазъи экологӣ дар мавзеъ иншооти ҳифзи муҳити зист бунёд карда шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба низоми кор, ҷараёни истихроҷ ва коркарди маъдан дар Корхонаи истихроҷ ва истеҳсоли маъдани ҶДММ «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» баҳои баланд доданд. Бояд гуфт, ки бунёди чунин корхонаи азими истеҳсолӣ дар роҳи расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар қадами устувор мебошад.

**Панҷуми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Урметан»- и ноҳияи Айнӣ «Қасри паҳлавонони суғдӣ» ва майдончаи бозии футболро ифтитоҳ намуданд.**

Иншооти нави соҳаи варзиш бо ҷонибдорӣ аз сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди соҳаи варзиш ва дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бунёд гашта, минбаъд наврасону ҷавонони деҳоти «Урметан» метавонанд, дар он ҷо ба машқу тамрин машғул шуда, маҳорату малакаи варзишиашонро баланд бардоранд.

Дар бинои навсохти «Қасри паҳлавонони суғдӣ» барои ба намудҳои гуногуни варзиш машғул шудан, аз ҷумла гӯштини миллӣ, шароити зарурӣ фароҳам гардида, толори варзишии болопӯшида барои гузаронидани мусобиқаҳои сатҳи ноҳиявӣ мувофиқ аст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида таъкид намуданд, ки ҷавонону наврасон бо истифода аз чунин имкониятҳо метавонанд, ҳамчун варзишгарони касбӣ омода шаванд ва дар мусобиқаҳои сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ ширкат варзида, шарафи Тоҷикистони соҳибистиқлолро баланд бардоранд.

Дар шафати толори варзишии болопӯшида, ҳамчунин, майдончаи варзишӣ бо дарозии 60 ва паҳноии 30 метр сохта шудааст. Бо шинонидани ниҳоли дарахтони ороишӣ ва сояафкан саҳн ва атрофи толори варзишии болопӯшида ва майдончаи варзишӣ ба як мавзеи ободу зебо табдил ёфтааст.

Сохта ба истифода додани толор ва майдончаи варзишӣ дар ин деҳоти дурдасти мамлакат шаҳодати он аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби наврасону ҷавонон ба варзиш таваҷҷуҳи хоса дорад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Айни 63 майдонча ва 25 толори варзишӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуда, бунёди майдонча ва толорҳои варзишӣ ва ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба тамрин имкон фароҳам овард, ки танҳо дар соли 2022 варзишгарони ноҳияи Айнӣ бо иштироки фаъолона дар мусобиқаҳои варзишӣ сазовори 10 медали тилло, 16 медали нуқра ва 26 медали биринҷӣ гарданд.

Лозим ба таъкид аст, ки наврасону ҷавонони ноҳияи Айнӣ ба варзиш шавқу рағбати зиёд доранд ва бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани иншооти соҳа намудҳои гуногуни варзиш боз ҳам рушд хоҳад кард.

(Давомаш дар саҳ. 2, 3)

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи озод намудани судяҳо

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Гиёзода Мирзоисмон Қурбон аз вазифаи раиси Суди шаҳри Душанбе, Абдуллозода Музафар Ҷафар аз вазифаи раиси Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, Ашурмамедова Маърифат Гулбековна аз вазифаи судяи Суди шаҳри Душанбе бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан озод карда шаванд.

2. Оқилзода Бахтиёр Даврон аз вазифаи раиси Суди вилояти Суғд, Ҷурахонзода Масрур Ҷурахон аз вазифаи муовини раиси Суди шаҳри Ҳисор бо сабаби ба кори дигар гузаштан озод карда шаванд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 июни соли 2023, №597**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон озод намудани Солӣ Рустам

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Солӣ Рустам бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон ва ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Гурҷистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2023, №598**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон таъин намудани Абдураҳмон И. Б.

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Абдураҳмон Илҳом Баротзода сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2023, №599**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Иттиҳоди Аврупо таъин намудани Ҳусейнзода М. М.

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия Ҳусейнзода Музафар Маҳмурод ҳамзамон Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Иттиҳоди Аврупо таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2023, №600**





## ИШТИРОКИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

**Чоруми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), ки таҳти раёсати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар шакли маҷозӣ (видеоконфронс) баргузор шуд, иштирок намуданд.**

Сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай масъалаҳои вобаста ба таҳкими минбаъдаи ҳамкории гуногунҷанбаи судмандро дар доираи СҲШ баррасӣ карда, оид ба масъалаҳои муҳими минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули афкор намуданд.

Зимни суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти пешбурди минбаъдаи ҳамкориро дар чорчӯбаи СҲШ бар асоси амалҳои ҳамоҳангшуда, усулҳои эҳтироми ҳамдигарӣ ва манфиатҳои муштарак таъкид карда, зикр карданд, ки таваҷҷуҳи афзояндаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Созмони ҳамкории Шанхай, ки ҳампайвандии беназири тамаддунҳо ва фарҳангҳоро таҷассум менамояд, далели ҷолибияти баланди он мебошад. Дар ин замина, Пешвои миллат таҳияи «Консепсияи тавсеаи минбаъдаи Созмони ҳамкории Шанхай барои давраи миёнамуҳлат»-ро пешниҳод карданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бахши амният аз таҳдидҳои афзояндаи терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ, инчунин тамоюли афзоиши гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ дар қаламрави Созмони ҳамкории Шанхай ёдовар шуданд. Дар ин замина муҳимияти татбиқи босамари «Барномаи ҳамкорӣ дар самти мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротгароӣ то соли 2024», ки соли 2021 дар шаҳри Душанбе қабул шуда буд, инчунин идомаи тадбирҳои маҷмӯӣ оид ба такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, ки таъсиси сохтори алоҳидаи зиддимухаддиротии СҲШ- ро дар пойтахти Тоҷикистон дар назар дорад, таъкид гардид.

Зимни рӯзномаи иқтисодӣ Пешвои миллат ба истифодаи пурраи имконоти мавҷуда ва бартариҳои рақобатӣ барои рушди давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай даъват ба амал оварданд. Таъкид гардид, ки ин вазифаҳо асоси «Стратегияи рушди иқтисодии Созмони ҳамкории Шанхай барои давраи то соли 2030» - ро, ки бо ибтикори Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, ташкил дода, татбиқи он ба пешрафти стратегии СҲШ мусоидат хоҳад кард.

Дар мавриди ҳамкориҳои гуманитарӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимияти ҳифз ва густариши мероси ғании фарҳангии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхайро таъкид намуданд. Ба чорабиниҳое, ки аз ҷониби Ҳиндустон дар доираи лоиҳаи «Варанаси – пойтахти фарҳангии Созмони ҳамкории Шанхай» баргузор шуда буданд, баҳои баланд дода шуда, пешниҳоди эълон кардани шаҳри Алма-атои Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамчун пойтахти сайёҳӣ ва фарҳангии Созмони ҳамкории Шанхай барои давраи оянда мавриди ҷонибдорӣ қарор гирифт.

Аз рӯи натиҷаҳои саммит сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷонибдорӣ намуда, бо қарори дахлдор «Стратегияи рушди иқтисодии Созмони ҳамкории Шанхай барои давраи то соли 2030»-ро тасдиқ карданд.

Дар чаҳорчӯбаи ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳо 11 қарору санад қабул шуд, ки муҳимтарини онҳо Эъломияи Деҳлии Нав, инчунин қарорҳо дар бораи додани мақоми давлати аъзои Созмони ҳамкории Шанхай ба Эрон ва имзои Ёддошти тафоҳум оид ба уҳдадориҳои Беларус дар мавриди гирифтани мақоми аъзои Созмони ҳамкории Шанхай мебошанд. Сарони давлатҳо ду изҳорот, аз ҷумла дар бораи мубориза бо зуҳуроти тундгароӣ, ки боиси терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротгароӣ мегардад, инчунин оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳаввулоти рақамиро қабул намуданд.

Дар ҷаласа Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Модӣ, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин, Сарвазири Покистон Шаҳбоз Шариф, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, сарони давлатҳои нозири Созмони ҳамкории Шанхай - Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳим Раисӣ, Президенти Муғулистон Ухнаагийн Хурелсух ва Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ба ҳайси меҳмони мизбон, Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш, Дабири кулли Созмони ҳамкории Шанхай Чжан Мин, директори Кумитаи иҷроияи сохтори минтақавии зиддитеррористии Дабири кулли Созмони ҳамкории Шанхай Руслан Мирзаев, инчунин роҳбарони як қатор созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла АСЕАН, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё иштирок доштанд.

Мавриди зикр аст, ки раёсат дар Созмони ҳамкории Шанхай барои солҳои 2023-2024 ба Ҷумҳурии Қазоқистон мегузарад.

**www.president.tj**



# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД

(Идома аз саҳ. 1, 2)

**Панҷуми июли соли 2023 дар доираи сафари корӣ ба вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Шаҳристон ташриф оварданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст дар мавзеи Хуррамдараи ноҳияи Шаҳристон иншооти нави обрасониро мавриди истифода қарор дода, бо нашъунамои картошка дар Хоҷагии деҳқонии «Нур» шинос шуданд.

Набудани оби полезӣ дар баъзе аз қисматҳои ин мавзеъ мушкилоти асосӣ ба шумор мерафт, аз ин рӯ кишоварзон наметавонистанд ҳосили фаровон ба даст оранд. Дар доираи таваҷҷуҳ ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва дастгирию ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин мушкилӣ ба зудӣ роҳи ҳалли худро пайдо карда тавассути бунёди иншооти нави обрасонӣ ва насби насосҳои махсуси обкашӣ 15 гектар замини корами мавзеи Хуррамдара обёрӣ шуд. Оби полезӣ ба ин мавзеъ аз масофаи қариб як километр бо қубури қутраш 110 - миллиметра оварда шуда, барои захира ва таъмини доимии он ҳавзи махсус бунёд шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз Хоҷагии деҳқонии «Нур» ва суҳбати самимӣ бо деҳқонону масъулони соҳа таъкид намуданд, ки рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини фаровонии маҳсулоти тару тозаи ватанӣ омили асосии боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Дар ин замина, кишоварзону деҳқонон бояд аз боду ҳаво ва имкониятҳои мавҷуда васеъ истифода намоянд, то сол аз сол ҳосилнокии маҳсулот дар заминҳои корам афзоиш ёбад.

Дар маҷмӯъ, бо кашидани оби полезӣ дар ин мавзеъ аввалин маротиба дар 8 гектар замин тухмии се навъи картошкаи маҳаллӣ кишт шуд, ки мувофиқи хулосаи олимони соҳаи кишоварзӣ имрӯз нашъунамои он хуб мебошад. Ҳосилнокии ин намуди картошка ба ҳисоби миёна аз ҳар як гектар аз 280 то 390 сентнер мебошад.

Хоҷагидорони ноҳия нақша доранд, ки зиёда аз 50 ҳазор тонна маҳсулот ба даст оранд. Дар ҳамон ҷо ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкониятҳои истеҳсолӣ ва дастовардҳои аҳли заҳмати ноҳия муаррифӣ гардида, асосан маҳсулоти нонӣ, асал, меваю сабзавот, шир ва маҳсулоти ширӣ, беш аз 20 намуд гиёҳҳои шифобахш ва маҳсулоти аз онҳо омодашуда, инчунин чорвои хурду калон ба намоиш гузошта шуд.

Имсол кишоварзони ноҳияи Шаҳристон дар заминаи истифодаи самараноки замин, нигоҳубини хуби боғу токзор ва васеъ намудани майдони кишти ғалладонагӣ ва сабзавот ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

Боду ҳаво ва табиати нотакрори ноҳияи Шаҳристон барои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ, боғдорӣ, ҳифз ва коркарди гиёҳҳои шифобахши худрӯй, рушди соҳаи чорводорӣ ва дигар бахшҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ мусоид буда, хоҷагидорон барои расидан ба ҳадафҳои рушд ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода мебаранд.

Соли гузашта хоҷагидорони асалпарвари ноҳия 32 тонна асал истеҳсол намуданд ва имсол дар заминаи ташкили хоҷагиҳои нав истеҳсоли асал нисбат ба соли гузашта боз ҳам афзоиш меёбад.

Дар ноҳияи Шаҳристон тадриҷан ба рушди ҳамаи бахшҳои соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Натиҷа ҳамин аст, ки хоҷагидорон ҳосили баланди меваю сабзавотро ба даст оварда, дар баробари таъмини талаботи дохилӣ ба хориҷи мамлакат низ маҳсулот содирот менамоянд.

Имсол дар ноҳия 52 гектар боғи нав бунёд гардида, ин раванд дар солҳои оянда низ идома меёбад.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат бо мақсади таъмини талаботи аҳолӣ бо гӯшту шир саршумори чорво афзоиш дода мешавад. Тибқи маълумот, ҳоло дар ноҳия 853 сар асп, наздики 23 ҳазор чорвои калон, 79 ҳазор чорвои майда ва 35 сар қутос нигоҳубин мешавад.

Дар шароити ноҳияи Шаҳристон, ки дорои боду ҳавои мусоиду обҳои мусаффо мебошад, зиёд намудани саршумори қутос ва афзоиши зотҳои нави он ба манфиат буда, солҳои охир дар ин самт тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дар оянда ноил гардидан ба ҳадафҳои рушд, аз ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ва боз ҳам рушд додани соҳаи кишоварзӣ, ба масъулон дастур доданд, ки барои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот аз имкониятҳои мавҷуда васеъ истифода намоянд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд, инчунин, парваришгоҳи нигоҳдории ҳайвоноти нодирро ба истифода доданд.**

Масоҳати умумии парваришгоҳ 200 гектар буда, ин мавзеъ барои парвариши ҳайвоноти нодир иқлими мусоид дорад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар парваришгоҳи навтаъсис асосан ду намуд ҳайвони нодир - оҳуи аврупоии лан ва гӯсфанди шохдори муфлонӣ парвариш ва нигоҳубин мешавад. Парваришгоҳи мазкур аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Газнафт» ташкил гардидааст.

Парваришгоҳ дар мавзеи зебоманзар ва хушбоду ҳавои Хуррамдараи ноҳияи Шаҳристон ташкил гардида, дарахтони зиёд ва гулу гиёҳҳои ҳархелаи худрӯй дорад. Дар ин мавзеъ, асосан арчаи зарафшонӣ хуб нашъунамо ёфта, муҳити атрофро сабзу хуррам нигоҳ медорад.

Дар парваришгоҳ барои нигоҳубин ва марҳила ба марҳила зиёд намудани саршумори ҳайвоноти нодир шароит ва имкониятҳои васеъ мавҷуд буда, дар ин самт зоти оҳуи аврупоӣ аз хориҷи кишвар ворид карда шудааст. Дар ҳамон ҷо Президенти мамлакат ҳайвоноти нодирро ба табиат сар доданд.

Тибқи иттилои масъулон, моҳи декабри соли 2022 аз Ҷумҳурии Беларус 30 сар оҳуи зоти лан ворид гардид. Намудҳои оҳу нахуст ба иқлими Тоҷикистон мутобиқ гардонида шуда, аз онҳо насли нав гирифта мешавад.

Дар марҳилаи аввал 15 гектар ҳудуди парваришгоҳ бо симтӯр маҳкам шудааст. Ин тадбир имконият медиҳад, ки ҳайвоноти нодир ҳифз шаванд ва саршумори он сол ба сол зиёд гардад.

Иқлим ва боду ҳавои мусоиди Тоҷикистон, бахусус ноҳияи Шаҳристон, имконият медиҳад, ки дар натиҷаи дуруст парвариш ва нигоҳубин кардани ин намуди оҳу насли он низ ҳамасола ба маротиб зиёд карда шавад. Дар соли якум 8 сар насл гирифта, ҳоло шумораи намуди оҳуи лани аврупоӣ ба 38 сар расидааст ва наслгирӣ аз он идома дорад.

Дар асоси гуфтаи олимони соҳа насли наринаи намуди оҳуи аврупоии лан то 80 килограмм ва модинаи он то 60 килограмм вазн мегиранд. Ба роҳ мондани парвариш ва нигоҳубини намуди оҳуи аврупоии лан барои рушд бахшидани соҳаи сайёҳӣ, хусусан сайёҳии экологӣ, замина гузошта, дар оянда омили муҳими ҷалби сайёҳони дохилию хориҷӣ ба Тоҷикистон мегардад.

Дар мамнӯъгоҳ дар баробари парвариши оҳуи аврупоии лан, ки бори аввал ба Тоҷикистон оварда шудааст, инчунин гӯсфанди шохдори муфлонӣ низ парвариш меёбад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз шароити парваришгоҳ, ки дар мавзеи хушбоду ҳавои ноҳияи Шаҳристон таъсис дода шудааст, бо масъулони соҳа суҳбати самимӣ анҷом дода, барои дар оянда зиёд намудани саршумори оҳуи навъи аврупоии лан ва гӯсфанди шохдори муфлонӣ, дуруст парвариш кардан ва ба иқлими Тоҷикистон мутобиқ намудани ин онҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Мавҷуд будани чунин имкониятҳои табиӣ дар беҳтар намудани гуногунии биологӣ ва ба ин васила, бештар намудани навъҳои ҳайвоноти нодир аҳамияти калон дорад. Дар шароит ва мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон таъсиси парваришгоҳҳо ва мамнӯъгоҳҳо афзалияти бештар дошта, ба афзоиш ёфтани саршумори ҳайвоноти нодир мусоидат менамояд, ки ин аз ҳадафҳои ояндадори Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад.

www.president.tj

# ИШТИРОКИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР ҶАЛАСАИ СОЛОНАИ АССАМБЛЕЯИ ПАРЛУМОНИИ СОЗМОНИ АМНИЯТ ВА ҲАМКОРӢ ДАР АВРУПО



**Сеюми июли соли 2023 вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 30 - юми солонаи Ассамблеяи парлумонии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, ки дар шаҳри Ванкувери Канада баргузор гардид, иштирок карданд.**

Ҷаласа аз 30 - юми июн то 4 - уми июли соли равон идома ёфта, дар он раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода ва вакили Маҷлиси намояндагон Парвини Маликзод иштирок намуданд.

Дар рӯзномаи ҷаласаи солона «Таҳкими амнияти минтақавӣ тавассути рушди ҷомеаҳои демократӣ ва фарогир: нақши Ассамблеяи парлумонии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Сипас, ҷаласаҳои кумитаҳои генералӣ оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва амният, иқтисодӣ, илм, технология, муҳити зист, демократия, ҳуқуқи инсон ва масъалаҳои башардӯстона баргузор гардиданд.

Дар хотима маърӯзаҳои раиси Кумитаи махсус оид ба муҳоҷират, раиси Кумитаи махсус оид ба мубориза бар зидди терроризм ва ҳисобот дар бораи фаъолияти Ассамблеяи парлумонии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо шунида шуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# ВАҲДАТ ОБОДИРО ВУСЪАТ БАХШИД

***«Тайи ин солҳо кулли сокинони кишвар хуб дарк намуданд, ки ваҳдати миллӣ заминаи саодати мардум ва таҳкурсии пешрафту ободии Ватани азизи мо – Тоҷикистон мебошад. Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк кардаанд, ки амалӣ гардидани ҳамаи омолу орзу ва нақшаву ниятҳои ҳар фарди ҷомеа, пешрафту тараққиёти давлат ва ободии Ватан маҳз ба сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ вобаста мебошад».***

**Эмомалӣ РАҲМОН**

**Вақте дар боби ваҳдат ҳарф мезанем, солҳои ноорамии кишвар пеши назар меояд. Он вақт одамон барои аз хона баромадан метарсиданд. Ҳоло шабу рӯз кӯчаю хиёбон ва боғҳои фарҳангу фароғатии зебошаҳри Душанбе серодам аст. Ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва ваҳдату ягонагӣ дар гӯшаю канори мамлакат, махсусан пойтахтамон - шаҳри Душанбе, бунёдкорӣ авҷ гирифта, симои маркази ҷумҳурӣ дигаргун шудааст.**

Бо дастури Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тадбирандешии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе солҳои охир пойтахти мамлакат хеле обод шуда, садҳо иншооти маъмурию маишӣ, фарҳангию варзишӣ ва марказҳои савдо, гулгашту хиёбонҳо бунёд гаштанд. Дар натиҷа, Душанбе ба шаҳри сабзу хуррам ва боғшаҳр табдил ёфт.

Боғу гулгаштҳои Парчами миллӣ, Нишони давлатӣ, «Ирам», устод Рӯдакӣ, «Сомон», Куруши Кабир, Хайём, Аҳмади Дониш, Наврӯзгоҳ, Восеъ, «Ҷавонон», Фирдавсӣ, Садриддин Айнӣ, «Дӯстӣ», Алишери Навоӣ, Ғалаба, Кӯли ҷавонон, Кӯли Душанбе, атрофи Масҷиди маркази ҷомеи шаҳри Душанбе мавзеъҳои сайругашти ҳамватанонамон мебошанд.

Боғи ба номи устод Рӯдакӣ низ яке аз ҷойҳои дӯстдоштаи сокинону меҳмонони шаҳри Душанбе буда, дар солҳои соҳибистиқлолӣ пурра таҷдид гардид.

- Рӯзи ваҳдати миллӣ бароямон иди фараҳбахшу шодмонист. Маҳз сулҳу амонӣ, тинҷию осоиштагӣ ва ваҳдати миллати тоҷик буд, ки ба комёбиҳои зиёд муваффақ гаштем. Имрӯз вақте дар гулгашту хиёбонҳо, боғҳои дилкашу зебои шаҳри Душанбе ба симои одамон менигаред, аз хандаю шодӣ ва оромии онҳо кас болидахотир мегардад. Аз ҷумла Боғи ба номи устод Рӯдакӣ ба маркази сайру саёҳат ва фароғати сокинони пойтахт ва меҳмонон табдил ёфтааст. Масоҳати боғ, ки дар маркази шаҳр ҷойгир аст, 19,7 гектарро ташкил мекунад. Дар боғ 13126 бех дарахтони ватанӣ, ҳамчунин, 2161 бех дарахти аз хориҷи мамлакат воридкардашуда парвариш меёбанд. Магнолия, ёси ҳиндӣ, санавбари қримӣ, шоҳбулут аз ҷумлаи дарахтоне ҳастанд, ки дар боғ хуб нашъунамо ёфтаанд. Гулу буттаҳои рангоранги он мунтазам нав карда шуда, ба боғ зебогию накҳати доимӣ мебахшад. Теъдоди навъҳои гуногуни гули садбарг 160 ҳазорро ташкил мекунад. Бо кӯшишу ғайрати маъмурият ва кормандони боғ, сабзиши гулу буттаҳо ва дарахтон хуб аст, - гуфт сармутахассиси боғ, доктори илмҳои кишоварзӣ Ҳикматулло Назиров.

Боғҳои шаҳри Душанбе таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро низ ба худ ҷалб карда, соли 2022 аз шаҳри Душанбе 192 ҳазор меҳмони хориҷӣ боздид намудаанд, ки нисбат ба соли гузашта ду маротиба зиёд мебошад.

30 - юми майи соли ҷорӣ таҳти №302 Қарори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ «Дар бораи таҷлили Рӯзи ваҳдати миллӣ дар шаҳри Душанбе» ба тасвиб расид. Тибқи он, чорабиниҳои гуногуни фарҳангию варзишӣ ташкил шуд. Махсусан, боғҳои фарҳангӣ-фароғатии шаҳри Душанбе серодам гашта, дар онҳо базмҳои пуршукӯҳи идона бо иштироки дастаҳои ҳунарӣ баргузор гардида, маҳсули дасти ҳунармандони чирадаст ба намоиш гузошта шуданд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

Таърих гувоҳ аст

# АЗ МАЙДОНДОРИИ САИДА ТО ФАРҶОМИ ПУРФОҶИАИ МУАЛЛИМАҲО

**Бонувонро бештар барои ҳаётофаринӣ, ҷоннисорӣ, муҳаббати поку беолоишашон ситоиш мекунем. Таъкид месозем, ки рисолати асливу азалии онҳо фарзанд ба дунё овардану солеҳ тарбия намудан мебошад, ки дуруст аст. Бемуҳобот модарони тоҷик ин рисолати хешро ҳамеша иҷро намудаанд. Дар баробари ин таърих далелҳои зиёд манзур медорад, ки бонувони мо дар замонҳои гуногун муқобили душман, бедодгариҳои давр низ размидаву мардонавор ҷон бохтаанд.**

Саида, иштирокчии бузургтарин ҳаракати мардумии охири садаи XIX- шӯриши Восеъ (мутаассифона, дар бораи Саида ва қаҳрамониву мардонагие, ки ӯ дар ин набард нишон додааст, маълумот кам аст) аз зумраи онҳост. Дар ин бора Бекназар Аҳмадов (рӯҳаш шод бод) тақрибан 10 сол қабл дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» матлабе нашр намуд.

Тибқи нигоштаи ӯ, бори аввал дар бобати Саида баҳори соли 1939 узви Экспедитсияи археологии бахши тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ Тихон Гритсенко, ки ҷониби Кӯлоб сафар намуда буд, маълумот пайдо мекунад. Тихон Гритсенко ба Балҷувон сафар намуда, бо бисёр одамон, аз ҷумла дар маҳаллаи Сурхако, бо иштирокчии шӯриш бобои Қурбони 110 - сола, дар маҳаллаи Саримазор бо холаи Фотимаи синнаш аз 100 боло ҳамсуҳбат мешавад. Холаи Фотима се бонуи ҷасурро ситоиш карда мегӯяд: «Ҳар сеи онҳо иштирокчии фаъоли шӯриш буданд. Номи дуи онҳоро дар хотир надорам, аммо Саидаро то ҳол фаромӯш накардаам. Магар метавон ӯро фаромӯш кард? Зан не, мард буд. Восеи паҳлавон борҳо ҷасорати ӯро ситоиш кардааст. Ӯ барои шӯришгарон ғизо ҷамъ меовард ва нону хӯрок ҳам мепухт».

Гритсенко аз забони холаи Фотима нақл кардааст, ки дар шӯриш бо дастаи Бек задухӯрди сахт рух медиҳад, ки Саида дар ин задухӯрди мудҳиш шуҷоату далерӣ зоҳир мекунад. Азбаски ӯ дар тан либоси мардона дошт, шинохтанаш осон набуд. Шӯриш пахш мегардад ва ба Балҷувон чил асирро меоранд ва Саидаи далерро ба дор меовезанд. Баъд дармеёбанд, ки яке аз шӯришгарон зан аст. Ин ғазаби Бек ва сарбозони ӯро меафзояд ва онҳо ҷисми беҷони Саидаро аз дами теғ мегузаронанд.

Вақте Бекназар Аҳмадов ин маводро дастрас мекунад, ба шоири зиндаёд Ҷамолиддин Каримзода рӯ оварда, мегӯяд, ки ҳодиса шарҳу тавзеҳ мехоҳад ва ҳам барои шеър мавзӯи хеле ҷолиб аст. Ҳамин тавр, соли 1988 Ҷамолиддин Каримзода бахшида ба ҷашни 100 - солагии Шӯриши Восеъ зери унвони «Марди майдон» шеър иншо менамояд. Он аз паҳлуи мардони гурд алайҳи бедодгарии давр мубориза бурдану ба шӯриш пайвастан ва бо дасти номардон ба дор овехтани Саида қисса мекунад, ки хеле дарднок аст.

